# 108278 - Кадомаш беҳтар аст: Қиёмуллайл ё қироати Қуръон?

**савол**

Агар инсон дар шаб бедор шавад, кадом амал (барояш) беҳтар аст: Намоз ё қироати Қуръон?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Намоз аз қироати Қуръон берун аз намоз беҳтар аст. Имомони донишмандон инро баён намудаанд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

**«Бар роҳи рост истиқомат варзед. Шумо ҳаргиз наметавонед ҳаққи истиқомат ва пойдорӣ дар динро ба ҷой оваред. Бидонед, ки беҳтарин аъмоли шумо намоз аст. Танҳо мӯъмин ба вузӯ пойбанд аст».**

Аммо агар барои шахсе ҳангоми хондани Қуръон дар берун аз намоз таваҷҷӯҳ, тадаббур ва фаҳмиш ҳосил шавад, дар ҳаққи ӯ беҳтар аст, ки кореро анҷом бидиҳад, барояш судманд бошад". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайхулислом Ибни Таймия (23/62).

Аллоҳ донотар аст.